**Тақризи**

муқаризи расмӣ ба кори диссертатсионии Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологи ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулотнокии оилаҳои занбӯриасал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» пешниҳод ба ҳимояи асосӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-049 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.10-зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ

**Мубрами ва зарурати таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Яке аз масъалаҳои рӯзмарраи –замони муосир ва барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ хеле муҳиму муфид - ин муайян намудани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯрон ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал мебошад.

Соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, ки дар баландиҳои аз 650 то 3500м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд, тараққӣ кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93%-фоизашро кӯҳҳои сарбафалаккашида ташкил медиҳанд, макони зиёда аз 2500 намуди растаниҳои худрӯй ва 150 намуди растаниҳои киштшаванда маҳсуб меёбад. Дар ин минтақаҳо аз растаниҳои дарахтӣ пеш аз ҳама дар назди сойҳо бед мерӯяд, ки он манбаи гарди гул буда, барои тараққиёти баҳорӣ нақши муҳимро мебозад. Дар боғҳо дарахтони олуча, себ, нок, гелос, шафтолу, олу ва дигар растаниҳо парвариш карда мешаванд, ки барои таъмин намудани оилаҳои занбӯрон бо маводҳои ҳаётан муҳим, яъне шаҳду гард мусоидат менамоянд.

Табиати Тоҷикистон барои парвариши занбӯри асал хеле мусоид аст. Растаниҳои шаҳддиҳандаи табиати мо, ки ҳаёти занбӯрон аз онҳо вобаста аст, хеле зиёд ва гуногун буда, қобилияти бо шаҳд ва гард таъмин намудани оилаҳои зиёди занбӯронро дорад. Пас моро месазад, ки аз ин неъматҳои бебаҳои табиат самаранок истифода намоем ва соҳаҳои занбӯриасалпарвариро низ ривоҷу равнақ диҳем.

Дар пайи ин гуфтаҳо мақсади таҳқиқоти кори диссертатсионии Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар таҳқиқотҳои худ нишон медиҳанд,ки тараққиёти соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Махсусан таъсири омилҳои экологию биологиро бо афзоишёбӣ ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал бояд дар мадди назар гирифт. Гарчанде, ки оид ба таъсири ин омилҳои муҳим ба соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя маълумотҳои гуногуни аз ҷиҳати илмӣ асоснок шуда хеле зиёд бошанд ҳам, аммо омӯзиши ин масаъала дар шароити Ҷумхурии Тоҷикистон бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода шуда истодааст. Вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқотро ба ҳисоб гирифта қайд кардан лозим аст, ки мавзӯи таҳқиқотии унвонҷӯй Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна пурра актуалӣ буда, аз талаботҳои соҳаи занбӯриасалпарварӣ сарчашма мегирад. Хусусан

барои тасдиқ намудани ин кор, унвонҷӯ натиҷаи санҷиши истеҳсолиро дар хоҷагии занбӯриасалпарварии «Файзалӣ Саидов» ва хоҷагии фермерии «Бекмуродов М»-и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон гузаронидааст. Барои ҳамин, чи хеле ки муаллиф қайд менамояд, дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон тадбиқ намудани хусусиятҳои экологию биологӣ ва хоҷагидории онҳо вобаста ба офаридани модарзанбӯр, истифода бурда ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва имконияти такрористеҳсолкунии оилаи занбӯри асал таъсири мусбӣ мерасонад.

**Навгонии илмӣ.** Унвонҷӯ, аввалин маротиба Дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон таъсири омилҳои экологию биологӣ ба қобилияти тухмгузории модарзанбӯрро.муайян намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти омӯзиши назариявии таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр, муайян намудани тараққиёти баҳорӣ, ҳолати зимистонгузаронӣ, фаъолияти парвозии занбӯрони корӣ, хусусиятҳои физиологии занбӯрон ва хусусиятҳои хоҷагидории оилаҳо дар шароити ноҳияи Кӯшониён ба мақсад мувофиқ аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** Аҳамияти амалии натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон гузаронидашуда, дар раванди бозомӯзии мутахассисони соҳа, таҷрибагузаронии донишҷӯёну магистрантон аз рӯйи ихтисоси занбӯриасалпарварӣ муайян карда шудааст.

Таҳқиқоти илмӣ дар мавзӯи кори диссертатсионӣ аз рӯйи барномаи тасдиқшудаи Институти чорводории АИКТ: «Коркард ва дар амал ҷорӣ намудани усулҳои селексионӣ-генетикӣ ва технологӣ оид ба офаридани типи оилаҳои занбӯри асали сермаҳсул» (РКД 0116TJ00552) гузаронида шудааст.

**<u>Дараҷаи асосноккунии қоидаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда.</u>**

Кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ бо истифодаи таҷҳизоти муосир ва коркарди омории маводҳои санҷишӣ иҷро карда шудааст. Мавод дар 137 саҳифаи матни компютерӣ тахия шуда, аз сарсухан, таҳлили адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, самаранокии иқтисодӣ, санҷиши истеҳсолӣ, хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт оварда шудааст.

Диссертатсия бо 42 ҷадвал ва 13 расм, тасвир карда дар диссертатсия 151 адабиёти илмӣ истифода карда шудааст, ки аз онҳо 15-тоаш ба забони хориҷӣ мебошад.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 15 мақолаи илмӣ нашр кардааст,ки 4-тои он ба нашриёти тасдиқгардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

Тамоми қисмҳои кори диссертатсионӣ бо забони тоҷикӣ пешниҳод шуда, моҳирона навишта шудааст ва моҳияти иҷроиши таҳқиқотҳоро дарҷ кардааст. Инчунин дар сарсухан муҳимияти кори иҷрошуда, аҳмияти назариявӣ ва амалии кор, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда дода шудааст.

Ҳангоми баёни таҳлили адабиёт муаллиф масъалаҳои нигоҳдории оилаҳои занбӯрон ва таъмини онҳо бо хӯрока, таъсири омилҳои экологию биологи ба инкишоф ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрон, истеҳсоли маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ дар сатҳи баланд шарҳ додааст. Ин онро нишон медиҳад ,ки бо ҳисоби далел ва маълумотҳои дар бораи таъсири омилҳои экологию биологи ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯриасал муаллиф саҳми асосии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудааст.

Қисми «Мавод ва усулҳо» дар алоқамандии илмӣ-методии мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот пурра мувофиқ аст.

Қисми «Натиҷаҳои махсуси таҳқиқот» дар мувофиқа бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ифода карда шудааст. Дар ҳар қисм тавсифи маводҳои санҷишӣ муфассал нишон дода шудааст. Дар охири ҳар қисм унвонҷӯ аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот хулосаи мухтасар баровардааст. Ин қисм зиёда аз 70%-и ҳаҷми кори диссертатсиониро ташкил медиҳад. Тавсифи онро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки он моҳирона ва мӯҷаҳаз навишта шуда, ҳар зерқисм бо хулосабарории мувофиқ анҷом дода шудааст.

Ҷиҳати хубии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки ба самти зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бо чунин нишондодҳо дохил карда мешавад:

1. Муайян намудани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба хусусиятҳои хоҷагидории оилаҳои занбӯрони асал;
2. Омӯзиш ва бунёди модарзанбӯр вобаста ба фасли сол, шахдҷудокунии растаниҳо, тайёр намудани оилаи пурқудрат бо истифодаи усули думодарӣ дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон;
3. Муайян намудани маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал аз рӯи хусусиятҳои омилҳои экологию-биологӣ ва тухмгузории модарзанбӯрони офаридашуда;
4. Муайян намудани сифати маҳсулоти занбӯрони асал ва самаранокии иқтисодии он.

Дар ҳар қисми боби натиҷаи таҳқиқот муаллиф маълумотҳои санҷишии гирифтаро таҳлил намуда, онҳоро ба сифати таҷриба истифода карда, муқоиса карда, фарқияти онҳоро нишон додааст ва хулосаҳои амиқ баровардааст. Дар охири ин боб унвонҷӯ аз рӯйи кори диссертатсионӣ натиҷабардорӣ кардааст ва хулосаҳои аз натиҷаҳои махсуси таҳқиқот пайдошударо баровардааст ва ба истеҳсолот пешниҳод кардааст.

**Тавсияҳо ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотии кори диссертатсионӣ.** Ба хоҷагиҳои занбӯриасалпарварии ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон новобаста аз шакли моликияташон тавсия карда мешаванд:

1. Дар диссертатсия оид ба таъсири омилҳои экологию биологи тавсия дода мешавад, ки бо максади хориҷ шудани гази карбон ва оби бухоршудда ҳар ду сурохаи занбӯрбароро дар аввали фасли баҳор кушода монанд.
2. Дар ҳолати ҳарорати дохили кандуро то 35ºС, намнокиро бошад то 75% нигоҳ доштан, тухми гузоштаи модарзанбӯр пас аз 72 соат ба кирмина мубадал мегардад, ки ин қобилияти маҳсулнокии оиларо баланд мебардорад.
3. Маълумоти санҷишии гирифташуда, тавсия карда мешавад, ки ҳангоми тайёр кардани кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ истифода карда шавад.

**Ҳангоми баҳодиҳии баланди мусбӣ ба кори диссертатсионӣ чунин камбудиҳоро бояд қайд намуд:**

1. Дар диссертатсия тартиби навиштани сарчашмаҳо беҳбудиҳоро талаб мекунад.
2. Дар нақшаи таҳқиқот таъсирҳои омилҳои экологию биологи пурра маълумоти омори оварда шудааст, аммо дар корҳои таҳқиқотӣ дар хоҷагии «Файзали Саидов» ва хоҷагии фермерии «Бекмуродов М» ягон маълумот оварда нашудааст.
3. Қариб дар ҳамаи ҷадвалҳо фа□ат ду гурӯҳ яъне назоратӣ ва таҳқиқотӣ дида мешавад.
4. Барои чӣ унвонҷӯ чунин меҳисобад, ки тухмгузории баҳории модарзанбӯр махсусан муҳим аст ва чаро дар давраи охири баҳор он мумкин аст паст равад?

Эҳтимол муаллиф дар назар дорад, ки ба ин бештар зуд ивазшавии занбӯрони тирамоҳии зимистонгузаронида ба занбӯрони ҷавони баҳорӣ мусоидат намояд. Савол додан ба маврид аст: дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ивазшавии занбӯрони зимистонгузаронида баъди зимистон кай мегузарад?

Камбудиҳо ва саволҳои ҷиддӣ мӯтакидан мавҷуд нестанд онҳо пеш аз ҳама характери мубоҳисавӣ доранд ва ба баҳои умумии мусбии кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд.

**<u>Хулоса оиди мувофиқати махаки диссертатсия ба маҷмӯи қоидаҳои муайяншуда барои додани унвони илмӣ.</u>**

Диссетатсияи Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақили ба итмомрасида буда, дар асоси иҷроиши таҳқиқоти муаллиф аз рӯйи омӯзиши таъсири омил□ои экологию биологи ба тухмгузории модарзанб□р ва ма□сулотнокии оила□ои занб□риасал такмилдодашуда барои нигоҳдории оилаи занбӯри асал дар шароити ноҳияи Кӯшониён, таъмин намудани зимистонгузаронии хуб, сатҳи хуби рушд ва инкишофи баҳорию тобистона ва зиёд намудани маҳсулоти молии оилаҳо қарори

илмии мушкилоти мавҷудаи хоҷагии халқ бароварда шуда пешниҳод гардидааст.

Корҳои нашршуда ва автореферат таркиби асосии диссертатсияро иникос мекунад. Аз рӯйи мазмуну мундариҷаи илмӣ, услуби навишт диссертатсия ва автореферати диссертатсия Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна ба талаботҳои КОА оид ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Хулоса.** Дар умум кори диссертатсионии Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи: «Таъсири омилҳои экологию биологи ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулотнокии оилаҳои занбӯриасал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» кори илмии квалификатсионӣ мебошад, ки аз рӯйи муҳимият, аҳамияти илмӣ, таҷрибавии ояндадор, ҳаҷми таҳқиқоти иҷрошуда, қарорҳои мукаммал ва коркарди амиқи вазифаҳо ба талаботҳои муосири КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 37 «Тартиби соҳиб шудан ва додани дараҷаи илмӣ» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№505 аз 24.06.2016) ба диссертатсияи номзадӣ пешниҳодшуда пурра ҷавобгӯ буда, худи муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.10 - зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ сазовор дониста мешавад.

Муқаризи расмӣ:
номзади илмҳои кишоварзӣ, омӯзгори
кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав

Муродов Мусулмонкул Холмуминович

ШУЪБАИ КАДРҲО